Тасдиқ мекунам
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров», доктори илмҳои таърих, профессор
____________ Усмонзода Аюб Ислом
«___» 18 апрели ___________ соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсия ва автореферати Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)" ба шиносномаи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мутобиқат дорад.

Таҳқиқ ва баррасии масоили поэтикии адибони форсу тоҷик, бавижа шоирони классики мо ҳамеша мубрам буда, то ба имрӯз садҳо асарҳои аҳли адаби мо на танҳо мавриди баҳсу баррасии илмӣ қарор наёфтаанд, балки ба таври шоиста муаррифӣ нагардиданд. Нуруддин Муҳаммад Зуҳурии Туршезӣ (1538-1616), яке аз шоирони форсизабони садаи XVI-XVII дар Ҳиндустонро, ки хидмати ӯ дар равнақи ғазали форсии тоҷикии садаҳои XVII-XIX на камтар аз Урфии Шерозӣ, Навъии Хабушонӣ, Назирии Нишопурӣ, Малики Қумӣ, Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ, Ғании Кашмирӣ ва

дигарон аст, низ метавон дар ин қатор шумурд. Яъне, то ба имрӯз осори ин шоири бузург мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ қарор нагирифтааст. Ин дар ҳолест, ки бидуни омӯхтани ҷанбаҳои муҳтавой-поэтикии ғазалиёти ӯ наметавон омилҳои такомули ғазали сабки ҳиндиро дар ин мавзеъ ва садаҳои XVII-XIX комилан бозгӯ намуд.

Барои илми адабиётшиносии тоҷик мушаххас сохтани як қатор вижагиҳои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, ки шеъри ӯро дар густараи адаби форсии тоҷикӣ нисбат ба шоирони дигари сабки ҳиндӣ мутамоййиз сохтааст, ниҳоят зарур буда, баррасии илмии масъалаи мазкур раванди такмили ин жанрро дар сабки ҳиндӣ равшан менамояд.

Дар диссертатсияи мазкур таъсири амиқи ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали сабки ҳиндӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфта, дар бораи муҳтавои шеъри шоир зикр шудааст, ки "шеъри Зуҳурии Туршезӣ, бавежа, ғазалиёти ӯ то ба ҷое пурмазмун эҷод шуда, маънӣ ва тасвирҳои тозаро фарогиранд, ки «Соқинома»-и ӯ Абдулқодири Бедилро мутаассир кардааст".

Дарвоқеъ, ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба эҷодиёти як қатор шоирон таъсир гузоштааст, ки аз як тараф, мактаби пайравони худро ба вуҷуд оварда бошад, аз ҷониби дигар, гувоҳи он нукта мебошад, ки нақши шоир дар такомули ғазал назаррас аст.

Зуҳурии Туршезӣ зодаи деҳаи Ҷуманди Туршези Эрон буда, соли 988 ҳиҷрӣ, ё худ 1581 милодӣ ба Ҳиндустон сафар намуда, дар он ҷо то охири умр зиндагонӣ карда, «маликушшуаро»-и дарбори Иброҳим Одилшоҳи сонӣ будааст. Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд бисёр назаррас буда, баррасии мавзуи мазкур мубрам аст ва маҳз печидагӯйӣ яке аз сабабҳои асосии камтар истиқбол ёфтани ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз ҷониби аксари ихлосмандони шеър гардидааст. Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Ш.Р. дар заминаи назарияҳои поэтикии илми адабиётшиносии тоҷик фароҳам омадааст, ки он аз ҳар ҷиҳат илми адабиётшиносии моро ғановат мебахшад.

Бояд таъкид кард, ки диссертант тайи даҳ соли охир рӯйи мавзуи мавриди назар таҳқиқоти ҳирфаӣ бурда, натоиҷи илмии онҳоро дар шакли диссертатсияи докторӣ пешниҳод намудааст. Воқеан, омӯзиши ҷанбаҳои мавзуӣ-поэтикии ғазалиёти шоирон ва умуман, адибон, агарчи дар илми адабиётшиносии тоҷик собиқа дорад, равишҳои тозаи таҳқиқро тақозо менамояд. Хушбахтона, дар кори диссертатсионии мазкур барои ғаври амиқтар ба моҳияти аслии масъалаҳои баррасишаванда на танҳо аз равишҳои урфӣ, балки аз усулҳои муосири сабкшиносӣ: ошноизудоӣ, барҷастасозӣ, ҳанҷоршиканӣ, ҳисомезӣ, вобастаҳои ададӣ ва тасвирҳои мутаноқизӣ истифода карда шудааст. Ҳамчунин, диссертант барои даррафтан ба назокатҳои матни адабӣ аз назарияҳои мактабҳои формализми русӣ, сохторшиканӣ ва падидоршиносӣ баҳра ҷустааст. Ногуфта намонад, ки дар ҳақиқат, диссертант ба моҳияти масъалаи мазкур дуруст сарфаҳм рафта, худ ишора кардааст, ки "пайравони сабки ҳиндӣ (аз ҷумла Зуҳурии Туршезӣ) дар эҷоди шеър аз роҳу воситаҳои гуногун истифода кардаанд. Танҳо тавассути равишҳои поэтикаи суннатии форсии тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашидани ашъори онҳо боиси нокушода мондани як қатор вижагиҳои ҳунарию адабии сабки ҳиндӣ мегардад. Аз ин рӯ, агар дар баҳсу баррасии ашъори ин шоирон бар замми корбурди равишҳои поэтикаи суннатии форсии тоҷикӣ аз равишҳои нави таҳқиқи адабиётшиносӣ низ истифода нашавад, ин гуна таҳқиқ номукаммал хоҳад буд".

Ба дарназардошти муҳиммияти баррасии масъала дар диссертатсияи мазкур мавзуъ, муҳтаво, сохтор, вазн, мусиқӣ, сабк, воситаҳои баён, тасвир ва таъсирпазирию таъсиргузории ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар бобҳо ва фаслҳои ҷудогона ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, ки ин кор аввалин ҷаҳду талош дар ҳалли масъалаҳои фавқуззикр ба шумор меравад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқи масъалаи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз нуктаи назари ҷанбаҳои поэтикӣ ба риштаи таҳлил

кашида шуда, дар заминаи сохтор (вазн, қофия, радиф), мавзуъ, вижагиҳои сабкӣ ва воситаҳои тасвир нақши шоир дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд нишон дода шудааст.

Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва аҳаммияти баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, мавзуъ, масоил ва аҳаммияти амалии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуктаи назари ӯро нисбат ба мавзуи пажуҳиш инъикос менамояд. Муаллиф дар раванди таълифи диссертатсия ҳангоми баррасии масъалаҳои назарӣ ва амалӣ масъалаҳои пешгузоштаро ҳал намудааст. Диссертант ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда аз равишҳои таҳқиқи гуногун, аз ҷумла равишҳои назариявии муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-оморӣ, суратгароӣ (Б. Шкловский, Б. Эйхенбаум), таърихӣ-муқоисавӣ, поэтикаи таърихӣ (Н.А. Веселовский), сохториву бадеӣ истифода гардида, аз усулҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ, ба мисли Эдвард Браун, Ян Рипка, Ғ.Ю.Алиев, Н.И. Пригарина, М.Л. Рейснер, А.Н. Ардашникова, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Шафеии Кадканӣ, Асғари Бобосолор, Алинақии Мунзавӣ, Тавфиқи Субҳонӣ, Ҷалили Таҷлил, Саидаи Парниён Дарёборӣ, Назир Аҳмад, А.Сатторзода, Ш.З.Суфизода, А.Насриддинов, Б.Мақсудов, Н.Салимӣ, З.А.Ғаффорова, У.Юсуфӣ, Н.Нуров ва дигарон истифода шуда, бори аввал ба таври комплексӣ масъалаҳои ба ҷанбаҳои муҳтавоӣ-поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Турշезӣ бахшидашуда, дар қолаби кори диссертатсионӣ баррасӣ ва ҷамъбаст гардидаанд. Ҳамчунин, диссертант арзиш, аҳаммият ва вижагиҳои ғазалиёти шоирро дар мақолаҳову диссертатсияи худ зикр кардааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Шарипов Ш.Р. аз 5 боб, 22 фасл ва 13 зерфасл иборат мебошад, ки ҳар яки онҳо ба проблемаҳои муҳимми хурду бузурги марбути поэтикаи ғазалиёти шоир ихтисос доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар заминаи меъёрҳои нақди адабӣ, асосҳои назарии илми бадеи форсии тоҷикӣ ва арабӣ, равишҳои нави таҳқиқи адабиётшиносӣ, шеършиносӣ дар шакли асари ҷомеъ ва ҷудогонаи таҳқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия исбот карда шудааст, ки Зуҳурии Туршезӣ дар ғазалсароӣ яке аз шоирони муваффақи адабиёти форсии тоҷикӣ буда, соҳиби сабки хос аст ва дар таҳаввулу такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX, бавижа, рушди ин жанри ғиноӣ дар шибҳи қораи Ҳинд нақши шоиста дорад. Бидуни омӯхтани ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти шоир наметавон омилҳои такомули ғазали сабки ҳиндиро дар густараи адаби форсии тоҷикӣ, минҷумла, дар шибҳи қораи Ҳинд дар садаҳои XVII-XIX пурра инъикос кард.

Муаллиф кӯшидааст, ки вижагиҳои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, нақши шоир дар таҳаввули суннатҳои адабӣ: навҷӯйӣ, маъниофаринӣ, тасвирсозӣ, омилҳои меҳварии поэтикии шоир ва нуфузи ӯро дар эҷодиёти шуарои баъдӣ муайян кунад.

Дар ин замина, ҷанбаҳои сохтории ғазалиёти шоир, тасвири май, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ, мусиқии ғазал, барҷастасозӣ, ҳанҷоршиканӣ ва ҳисомезӣ, шеваи маконсозӣ ва фазоофаринӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамчунин, масъалаҳои таркибофаринию тасвирсозӣ, тасвири шоиронаи табиат, инсон, афкори ахлоқию фалсафӣ ва иҷтимоӣ дар ғазалиёти шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар диссертатсия тасвирҳои тоза ва ғайривоқеӣ, таъсири ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба эҷодиёти шоирони дигар ва вижагиҳои сохтории ғазалиёти шоир мавриди пажуҳиши амиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик

масъалаи ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, нақши ғазалиёти шоир дар таҳаввул ва такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд мавриди таҳқиқи ҷудогонаи илмӣ қарор гирифтааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки андешаҳои илмии муаллифи рисола, ки дар шакли хулосаҳо зикр шудаанд, метавонанд дар навиштани таърихи таҳаввул ва такомули ғазал дар садаҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд, сабки ҳиндӣ ва мароҳили инкишофи он, дар таҳияи китобҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фарҳангу мардумшиносӣ ва ахлоқ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамчунин, **натиҷаҳои таҳқиқот**ро метавон дар иншои китобҳои дарсӣ, таърихнигории адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, таърихи афкори фалсафӣ, фарҳангномаҳо, фарҳанги таркиб ва таъбирҳои шоирона, забони ғазал, сабкшиносӣ, рисолаҳои илмӣ, рисолаҳои хатм, магистрӣ ва корҳои курсӣ, таҳияи лексия барои донишҷӯёни факултетҳои филологӣ, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ ва маҳфилҳои мухталифи илмию адабии бахшида ба осори суханварони сабки ҳиндӣ истифода кард.

Боби аввали диссертатсия **«Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дошта, аз шаш фасл иборат аст. Дар ин боб мавзуи ишқ ва тасвири шоиронаи май дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ нисбатан батафсил мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода шуда, мавзуъҳои дигари иҷтимоӣ: риндӣ, яъсу ноумедӣ, мазаммати зоҳид, тавсифи аҳлоқ ва табиат, дурӣ аз ватан сухан дар ғазалиёти шоир ба риштаи нақд кашида шудаанд. Ҳамчунин, дар ин боб мактаби риндии Зуҳурии Туршезӣ бо мактаби риндии Ҳофизи Шерозӣ муқоиса гардида, монандӣ ва фарқи онҳо ба қалам дода шудааст. Ҳамчунин, дар ин боб мавзуи «Тасвири шоиронаи инсон дар ғазалиёти шоир» пажуҳиш ёфта, муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки “мавзуи асосии ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро ишқ ташкил карда, шоир дар 1302 ғазал, ки аз худ боқӣ мондааст, 862 маротиба вожаи «ишқ»-ро истифода намуда, тавассути ин калима дар

аксар мавриd маънихои тоза эчод кардааст. Дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ мафҳуми «ишқ» чанд ҷанба дошта, истиораи ишқ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ корбурди тозаи бадеӣ гирифтааст. Дар ашъори Зуҳурии Туршезӣ вожаҳои хамрия ба маъниҳои аслӣ ва маҷозӣ ба кор рафта, шоир ба сифати воситаи тасвир аз «май» мотиви адабии ихтисосӣ сохтааст. Шоир ахлоқи ҳамидаи инсонӣ: дӯстӣ, дурӣ аз нифоқ, ростӣ, сабру таҳаммул, дур будан аз расму одатҳои нолозим ва намоишкорона, умеди нек ва боварӣ ба фардо, эътимод ба худ, шарму ҳаё, дурустаҳдӣ, бовафоӣ, хоксорӣ, озодманишӣ, дурӣ аз чоплусӣ, далерӣ, кинаҷӯйӣ накардан, хамӯшии бамаврид, дурӣ аз бухтон (тухмат) ва ҷиҳод бо нафсро тараннум намудааст. Мавзуъҳои иҷтимоӣ дар ғазалиёти шоир риндӣ, васӯхт, омӯзиши ҳунар, зоҳидситезӣ, дурӣ аз ватан, эътироз аз олам, оппозитсияи ақлу ишқ ва амсоли инҳо мебошанд. Се навъи тасвири табиат: шоирона, иҷтимоъгароёна ва зируҳангорона дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба чашм мерасад.

Боби дуюми диссертатсия **«Сохтор, вазн ва мусиқии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дошта, аз се фасл ва чор зерфасл иборат аст. Дар ин боб масъалаҳои сохтори зоҳирӣ ва дохилӣ, ҳусни матлаъ, мақтаъ, авзони шеърӣ, мусиқии дарунӣ ва бернунии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ таҳқиқ ёфтаанд.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои боби дуюм ба хулосае омадааст, ки “ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз ҷиҳати композитсионӣ ба навъи пароканда марбут буда, дар онҳо воқеа такомул намеёбад ва ба таври статикӣ изҳор мешавад. Аксари ғазалиёти шоир 9-11 байт дошта, ҳадди ақали онҳо 5 байт ва ҳудуди ниҳоии абёт дар девони ғазалиёти шоир 21 байтро ташкил кардааст. Зуҳурии Туршезӣ дар эҷоди матлаи ғазал ба муҳтаво ва форм, мустақилӣ, қофия, санъатҳои бадеӣ ва ҳунарсозаҳо, маонии шеърӣ, тасвир, латифию марғубӣ таваҷҷуҳи зиёд додааст. Муҳимтарин нишонаи матлаъҳои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар эҷоди фазои якпорчагии (якрангии) тасвир дар ҳар як мисраъ мебошад. Байти мақтаъ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ тибқи талаботи архитектоникаи ғазал эҷод шуда, дар аксари онҳо тахаллуси шоир зикр шуда, гоҳе тахаллус як байт пеш аз байти

охирон омадааст. Дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ муҳтаво бо вазн мутобиқати комил дошта, дар онҳо корбурди бештари авзони ношод ба назар мерасад. Шоир дар баёни матлаб аз баҳрҳои рамалу ҳазаҷу раҷаз бештар баҳра ҷуста, шоир дар эҷоди ғазал беш аз 9 баҳрро истифода кардааст. Мусиқии дарунии ғазалиёти шоир тақвиятбахши маъно буда, Зуҳурӣ дар эҷоди ғазал барои тақвияти маънӣ ба ҳолати физикӣ ва шаклҳои басирии ҳарфҳо низ таваҷҷуҳи зиёд додааст. Иртиботи қавии садоноку ҳамсадо дар эҷоди мусиқии ғазалиёти шоир ба чашм расида, ҳамин рабти устувори мусиқию маъно боиси тадоии маъноӣ дар ғазалиёти шоир гардидаанд. Мусиқии дарунӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар баробари вазни арузӣ як вазни мустақил буда, барои тақвияти маънӣ истифода шудааст. Иртиботи қавии мусиқию шакл бо маъно дар ғазалиёти шоир боиси чандмаъноии байтҳо гардида, аз тарафи дигар, нақши назарраси шоирро дар такомули ғазали форсии тоҷикӣ таҷассум кардааст. Қофия дар композитсия, мусиқӣ ва ифодаи матлаб дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ омили муҳимми таҳрик ва таъкид аст. Зуҳурии Туршезӣ ҷиҳати устуворӣ ва хушоҳангии мусиқии канории шеър аз радифҳои баланду ибтикорӣ, ишоравӣ, хушоянд ва радифҳои феълӣ ва сохта аз ҳуруфи илҳоқӣ баҳра гирифтааст”.

Боби сеюми диссертатсия **«Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дошта, аз ду фасл ва нуҳ зерфасл иборат аст. Дар ин боб мавзуоти «Нақши воситаҳои маъмули тасвири бадеӣ» ва «Нақши «тасвирҳои иттифоқӣ»-и бадеӣ дар ғазалиёти шоир» ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки “тавсиф дар ғазалиёти шоир яке аз воситаи баёни бадеии серкорбурд буда, ба маъноҳои мусбию манфӣ ва ба шеваи воқеию интизоӣ истифода шудааст. Шоир тавассути санъати бадеии мазкур ба муҳимтарин хусусиятҳои касе, чизе ва ё воқеа ишора намуда, ба ҳамин восита вижагии ашё ва ё мухотабро барҷаста нишон додааст. Ташбеҳ низ яке аз воситаҳои баёни бадеии пуркорбурд дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ буда, шоир тавассути ин санъати бадеӣ, бавижа, ташбеҳи пӯшида тасвирҳои тоза офаридааст. Тасвирҳо дар ғазалиёти

Зуҳурии Туршезӣ падидаи мустақил ва «иттифоқи тоза»-анд, ки арзиши мустақил доранд ва ба амре марбут набуда, ғайриақлӣ ва ғайрибурҳониянд, ки дар занҷираи умумии тасвир (ассотсиатсия) ба ҳам меоянд. Аз ин ҷо, онҳоро «тасовири иттифоқӣ» ҳам меноманд".

Боби чоруми диссертатсия «**Сабкшиносии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ**» унвон дошта, аз ҳашт фасл иборат аст. Дар боби мазкур мавзуъҳои «ошноизудоӣ ва тасвирҳои мутаноқиз», «ҳанҷоршиканӣ дар каломи бадеӣ», «ҳисомезӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ», «румузи ранг», «корбурди вобастаҳои ададӣ», «воҳидҳои забонии бадеъ», «вожаи «доғ» дар маъниофаринии шоир» ва «шеваи маконсозӣ ва фазоофаринӣ» мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муҳаққиқро ба хулосае овардаанд, ки "шоир тавассути сохторшиканӣ ва ошноизудоӣ дар талмеҳ низ мазмунҳои тоза офаридааст. Тасвири шоиронаи ашё ва ифодаи тобишҳои услубию маъноии онҳо дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ тавассути шигардҳои адабӣ: ҳисомезӣ, андозагирӣ, савтомезӣ, барҷастасозӣ, дигардесӣ ба ашё ифода ёфтааст. Шоир дар тасвири бадеии ашё, асосан, кӯшиш мекунад, ки хусусиятҳои ашёро аз табиати аслии он бегона созад ва ҳамин услубро роҳи эҷоди маънии тоза гардонад. Дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ 2 навъи ҳанҷоргурезӣ: забонӣ ва маъноӣ ва ду ҷараёни он – дар меҳвар қарор доштани истиораи феълӣ ва исмӣ мавҷуд аст. Шоир дар калимасозӣ ва таркибофаринӣ (барои эҷоди маънии тоза) аз сохти муқарраии сарфу наҳви забон берун рафта, дар як баробар, дастаи вожагони тахассусиро эҷод намудааст.Тасвирҳои зиёди мутаноқиз дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ гувоҳи он мебошанд, ки шоир дар тасвир аз меъёрҳои муқаррарию қолабӣ даст кашида, услуби тозаи тасвирофаринии худро пайдо кардааст.

Унвони боби панҷуми диссертатсия «**Таъсирпазирӣ ва таъсиргузорӣ**» буда, аз се фасл: таъсирпазирии Зуҳурии Туршезӣ аз Ҳофиз, таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба Бедил, Калими Кошонӣ Ғании Кашмирӣ ва таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба Ғолиби Деҳлавӣ иборат аст. Дар ин боб муҳаққиқ иброз доштааст, ки "масъалаи таъсирпазирӣ ва таъсиргузории шоирон дар

адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи тулонӣ дошта, ба як бахши адабӣ табдил ёфта, як амри воқеӣ ва густардаест, ки, аз як сӯ, мазмун ва мундариҷаи ашъори шоиронро мутанаввеъ гардонида, аз сӯйи дигар, шаҳодати як навъ силсилапайвандии ҳамин адабиёт аст". Мавриди зикр аст, ки ҷанбаҳои илмии ин боби диссертатсия низ қавӣ буда, бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба шоирони қудратманди сабки ҳиндӣ, ба мисли Бедил, Калими Кошонӣ, Ғании Кашмирӣ ва Ғолиби Деҳлавӣ таҳқиқ ёфтааст.

Дар бахши **хулосаи диссертатсия** Шарипов Ш.Р. натиҷагириҳои худро аз таҳқиқи масоили ҷанбаҳои мавзуию поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба таври мушаххас дар 30 банд баён кардааст, ки ҳар яки онҳо пояҳои устувори илмӣ дошта, қобили эътимод мебошанд. Илова бар ин, диссертатсия, дар маҷмуъ, дар сатҳу савияи илми адабиётшиносӣ таълиф гардидааст ва он, воқеан, метавонад дар таҳқиқи ҷанбаҳои мавзуию поэтикии ғазалиёти шоирони сабки ҳиндӣ саҳифаи тозаеро боз намояд. Бисёре аз хулосаҳои назарии диссертант барои таҳқиқи минбаъдаи илми адабиётшиносии тоҷик судманданд. Агар ба китобномаи диссертатсия ва феҳристи таълифоти муаллифи он таваҷҷуҳ кунем, маълум мешавад, ки Шарипов Ш.Р. тайи даҳ сол рӯйи маводди мазкур таҳқиқот бурда, ба хотири ба анҷом расонидани он осори зиёди илмию назарии адабиётшиносиро омӯхтааст. Монография ва 31 мақолаи дар ин замина банашррасидаи диссертант далели эътирофи ӯ ба ҳайси адабиётшинос мебошад.

Дар баробари муҳассаноти мазкур дар диссертатсия баъзе нуқсонҳо низ ба назар мерасанд, ки зикрашон бар фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар унвони диссертатсия "Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ" зикр шудааст.Ба андешаи мо, ба ҷойи ибораи "навъи шеърӣ" истифодаи "жанри шеърӣ" дурусттар аст (диссертатсия, с. 1).
2. Дар диссертатсия гоҳо ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо мувофиқи мақсад аст (диссертатсия, с. 186, 198, 201, 216).

3. Дар бархе саҳифаҳои диссертатсия гоҳо байтҳои шоҳид бидуни зикри муаллиф омадаанд (диссертатсия, с. 206, 221).

4. Такмили фасли “Таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба Калими Кошонӣ ва Ғании Кашмирӣ” ба мақсад мувофиқ аст (диссертатсия, с. 341-345).

5. Дар рӯйхати адабиёт баъзе нуқсонҳо дар тарзи навишт ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад аст (диссертатсия, с. 402).

6. Баъзан, иқтибосҳо ҳаҷман зиёд буда, таҳлили бештар мехоҳанд (диссертатсия, с. 49-50, 180-182, 206-204, 263-269).

Зикри эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, онҳо ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коста намесозанд. Муҳтавои диссертатсия собит месозад, ки диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро пурра иҷро кардааст. Мазмуну муҳтаво, натиҷагириҳои муаллиф ва ҳаҷми таҳқиқоти мазкур ба талаботи диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ аст. Автореферат, монография ва мақолаҳои зиёди банашррасонидаи муҳаққиқ мазмуни асосии диссертатсияро ифода мекунанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи “Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)” таҳқиқоти комилу баанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди диссертатсияи докторӣ ҷавобгӯст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи “Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ

буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" аз 17 апрели соли 2024, суратҷаласаи №9 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 10 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Султонзода Тоҷибой Султонӣ**

**Мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Ҳоҷиев Абдуфаттоҳ Қосимович**

**Эксперт:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Нуров Нуралӣ Норович**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Нуруллоева Мухлиса Нусратуллоевна**

**Имзоҳои Т.Султонзода, А.Ҳоҷиев, Н.Нуров ва М.Нуруллоеваро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров"** **Э.Наврӯзов**
**«17» апрели соли 2024**

**Нишонии муассисаи пешбар:**
**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1**
**Тел.: (992-3422) 6-52-73; (992-3422) 6-75-18: E-mail: http://hgu.tj; rector@hgu.tj**